Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5, бинои таълимии “В”)

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Шарифов Зариф Раҳмонович ба диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.** Мавзуи кори диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мувофиқат мекунад: 1.18 – Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоӣ - иқтисодиро тавсиф мекунанд; 1.25 – Назария ва методологияи контроллинг; 1.27 – Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки контроллинги идоракунӣ; 2.12 – Назария ва методологияи контроллинг.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия.** Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ноустувории иқтисодӣ бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили усулҳои идоракунӣ ва таҳкими рақобатпазирӣ ниёз доранд. Контроллинг ҳамчун унсури калидии системаи таъмини иттилоотӣ ва воситаи такмили раванди қабули қарорҳо баромад намуда, имконияти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳоро фароҳам меорад. Бо вуҷуди таҳқиқи васеи масъалаҳои менеҷмент, масоили методологии

ташкили контроллинг дар соҳаи бонкдорӣ дар сатҳи зарурӣ коркард нашудаанд. Дар адабиёти илмӣ нисбат ба мақом, салоҳият ва вазифаҳои контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ ягонагии назар вуҷуд надорад. Ин ҳолат боиси такроршавии вазифаҳо ва ташаккули биниши нодуруст дар амал мегардад

Ҳамзамон, масъалаи ҷойгоҳи контроллинг дар муқаррарсозии ҳадафҳо, коркарди стратегия ва ташкили системаи нишондиҳандаҳои самаранокӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст. Маҳдудиятҳо дар истифодаи иқтидори контроллинг, заиф будани робитаи байни ҳадафҳо, стратегия ва рисолати бонкҳо, инчунин норасоиҳо дар низоми идоракунии хавфҳо зарурати таҳқиқи амиқи ин самтро тақозо менамоянд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои методологии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, метавонад ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва рақобатпазирии низоми бонкӣ мусоидат намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо миқдори кофии маълумотҳои таҳлилӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди онҳо бо истифодабарии усулҳои муосир, мутобиқати натиҷаҳои назариявӣ ва таҳқиқотӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Бонки миллии Тоҷикистон, маводи омори расмии Агентии омори назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмӣ, нашрияҳо дар маҷаллаҳои илмӣ, маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин маводи иттилоотии бонкҳои тиҷоратии кишвар дар сомонаҳои расмиашон, ки дар нашрияҳои илмии даврӣ нашр шудаанд, инчунин сарчашмаҳои интернетӣ ва ғайра тасдиқ карда шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии кори диссертатсионӣ дар таҳияи равишҳои методологӣ ҷиҳати ҳалли маҷмуи масъалаҳои

муҳимми воқеии марбут ба назария ва амалияи контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ ифода меёбанд.

Муаллиф ба таври асоснок методологияи фаъолияти контроллингро ҳамчун омили калидии таъмини самаранокии баланди раванди идоракунии бонк ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии он дар давраи дарозмуддат пешниҳод намудааст.

Дар рафти таҳқиқот як қатор натиҷаҳои муҳимми илмӣ ба даст оварда шудаанд, ки навгонии илмии диссертатсияро ташкил медиҳанд:

1. Таърифи муаллифии мафҳуми «контроллинг» дар бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод гардида, бартарии функсионалии он нисбат ба баҳисобгирии идоракунӣ асоснок шудааст. Ҳамзамон, бо дарназардошти якранг будани доираи масъалаҳои фарогири ин ду зернизом, пешниҳоди фаъолияти баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун қисми таркибии контроллинг ба баланд бардоштани самаранокии умумии низоми идоракунӣ мусоидат менамояд.

2. Модели схемавии амалии равандҳои муқаррарсозӣ, татбиқ, мониторинг ва натиҷагирии ҳадафҳои стратегӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки дар он ҳамгироии муназзам ва марҳилавии функсияҳои контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ инъикос меёбад. Афзалияти асосии ин модел дар имконияти татбиқи идоракунии стратегӣ ва назорати иҷрои ҳадафҳо дар заминаи маълумоти ҳисоботии воқеӣ, нишондиҳандаҳои фаъолият ва иштироки воҳидҳои масъул ифода меёбад, ки онро дар шароити ҷорӣ ҳамчун навоварии илмӣ ва амалӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

3.Фишангҳо ва механизми ҳамгироии низоми контроллинг нисбат ба фаъолияти воҳидҳои сохтории бонки тиҷоратӣ асоснок карда шуда, моҳияти он дар муайянсозии системавии объектҳои контроллинг тавассути таҳлили нуқтаҳои осебпазири сохтор ва фаъолияти амалиётии бонк ифода ёфтааст. Ин равиш заминаи устуворро барои назорат ва

идоракунии равандҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат фароҳам месозад.

4. Тарзу усулҳои амалкунандаи контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил гардида, роҳҳои такмили онҳо бо истифодаи технологияҳои муосир пешниҳод шудаанд. Муаллиф ҳамчунин таҳияи ҳисоботҳои махсуси идоракуниро барои танзими хавфҳои асосӣ, аз ҷумла хавфҳои қарзӣ, бозорӣ, амалиётӣ, пардохтпазирӣ ва комплаенсӣ, ҳамчун саҳми муҳим ба рушди амалияи контроллинги бонкӣ асоснок намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Дар маҷмуъ, матни диссертатсия 205 саҳифаро ташкил намуда, дар он 26 ҷадвал ва 20 расм ҷой дорад ва рӯйхати адабиёт аз 135 номгӯйи сарчашмаҳо иборат аст.

**Дар боби якуми диссертатсия**, ки ба асосҳои назариявии контроллинг дар низоми идоракунии ташкилот бахшида шудааст, ташаккул ва таҳаввулоти консепсияи контроллинг ҳамчун унсури калидии дастгирии иттилоотӣ ва ҳамоҳангсозии қарорҳои идоракунӣ мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Муайян гардидааст, ки контроллинг ҳамчун натиҷаи мураккабшавии равандҳои иқтисодӣ ва идоракунӣ дар охири асри XIX дар ИМА ташаккул ёфта, минбаъд дар мактаби илмии Олмон такмили назариявӣ пайдо намудааст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки контроллинг дар раванди инкишофи худ аз воситаи маҳдуди баҳисобгирӣ ба низоми ҳамгироёнаи идоракунии стратегӣ ва ҷорӣ мубаддал гардида, имрӯз ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии банақшагирӣ, назорат, таҳлил, идоракунии хавфҳо ва таъминоти иттилоотӣ баромад менамояд. Дар ин замина, марҳилаҳои асосии рушди контроллинг муайян гардида, хусусиятҳои хоси ҳар як давра аз нуқтаи назари тағйирёбии вазифаҳо ва нақши он дар низоми идоракунӣ асоснок карда шудаанд.

Дар асоси таҳлили назарияҳои муосир исбот мегардад, ки гуногунандешӣ оид ба моҳият, мақсад ва вазифаҳои контроллинг ба

ташаккул наёфтани модели ягонаи назариявии он оварда расонидааст. Дар диссертатсия се равияи маъмултарини илмӣ — идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва иттилоотӣ, инчунин равияи ба натиҷаи молиявӣ нигаронидашуда ҷудо гардида, афзалият ва маҳдудиятҳои ҳар кадоми онҳо муайян карда шудаанд. Муаллиф хулоса менамояд, ки маҳз равиши иттилоотӣ ва ҳамгироёна ба талаботи идоракунии муосир бештар ҷавобгӯ мебошад.

Хусусиятҳои ташаккул ва рушди контроллинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти шароити гузариши иқтисодӣ, заъфи рақобат дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва танзими нисбатан сусти давлатӣ таҳлил гардидаанд. Муайян шудааст, ки маҳз соҳаи бонкӣ яке аз самтҳои аввалини татбиқи унсурҳои контроллинг буда, рушди он бо зарурати таъмини устувории молиявӣ, идоракунии хавфҳо ва ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон вобастагии мустақим дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқ, вазифаҳои контроллинг ба гурӯҳҳои аввалиндараҷа ва ёрирасон тасниф гардида, нақши онҳо дар қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳо муайян карда шудааст. Исбот мегардад, ки истифодаи маҷмуии принсипҳои идоракунӣ аз рӯйи ҳадафҳо, назорати доимии муҳит, таҳлили хавфҳо ва таъмини иттилооти саривақтӣ заминаи ташаккули низоми самараноки контроллингро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, дар шароити ноустувории иқтисодӣ ва рақобати шадиди бозори молиявӣ контроллинг ба унсури ҳатмии низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ мубаддал гардида, имконият фароҳам меорад, ки стратегияҳо амалӣ, хароҷот оптимизатсия ва қарорҳои идоракунӣ дар асоси таҳлили илмӣ қабул гарданд.

**Боби дуюми диссертатсия** ба таҳлили амиқи ҷанбаҳои ташкилию амалии ҳамгироии контроллинг дар низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ бахшида шудааст. Муаллиф равандҳои муҳимми интегратсияи контроллингро бо равшанӣ муаррифӣ намуда, аз ҷумла: муайянсозии

ҳадафҳои стратегӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии бонк тавассути механизми назорат ва мониторинг, ташкили ҳисоботи идоракунӣ ва системаи нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкҳоро ҳамчун унсурҳои асосии самаранокии идоракунӣ таҳлил менамояд.

Истифодаи SWOT-таҳлил ҳамчун воситаи асосии контроллинг имкон медиҳад, ки қувваҳо, заифӣ, имкониятҳо ва таҳдидҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дуруст арзёбӣ гардида, барои таҳияи стратегияҳои рушди устувор, ҳамоҳанг бо ҳадафҳои стратегӣ ва таҳдидҳои муҳити берунӣ заминаи асосӣ фароҳам оварда шавад. Контроллинг дар ин раванд вазифаи ҳамоҳангсозӣ ва мониторингро иҷро намуда, ба танзими равандҳои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, пешгирӣ аз норасоиҳо ва таъмини устувории рушди бонк мусоидат мекунад.

Муаллиф ду усули асосии муайянсозии ҳадафҳоро баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки усули зинагузоришуда (муқаррарсозии бисёрсатҳӣ: муайян кардани ҳадафи асосӣ, таҳияи стратегия ва амалҳои мушаххас) самаранокии бештар дорад. Таҷрибаи ҶСК «Бонки Эсхата» исбот мекунад, ки ин усул бо истифодаи маълумоти саҳеҳ ва таҳлилҳои амиқ натиҷаҳои устувори молиявӣ ва рушди стратегиро таъмин менамояд.

Дар фасл ҷадвалҳо ва диаграммаҳо ҷой дода шудаанд, ки равандҳои идоракунии стратегиро бо иштироки субъектҳои масъул – шуъбаҳои молия, стратегӣ, контроллинг ва аудити дохилӣ – равшан нишон медиҳанд. Маълумотҳо оид ба афзоиши фоида ва рушди амалиёти ғайринақдӣ нишон медиҳанд, ки ҳамгироии контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ самаранокии амалӣ ва эътимоди бозорро афзоиш медиҳад.

Ҳамзамон, муаллиф диққати махсусро ба системаи нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкӣ (KPI, CAMELS ва дигарҳо) дода, принсипҳои таҳияи онҳоро боэътимод пешниҳод менамояд: нишондиҳандаҳо бояд истифодаи самараноки захираҳоро инъикос кунанд, ченшаванда ва муқоисашаванда бошанд, давра ба давра таҳлил

ва ба роҳбарият пешниҳод шаванд. Ин раванд исбот менамояд, ки муаллиф дониши амиқ ва фаҳмиши васеи методологии контроллинг ва арзиши он дар идоракунии стратегиро дорад.

Умуман, фасли дуюми диссертатсия бо сохтори логикӣ, систематикӣ ва таҳлили амиқи методологӣ тавсиф мешавад. Матн нишон медиҳад, ки муаллиф қобилияти татбиқи назария ва амалро дар шароити воқеии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад, ҳалли масъалаҳои самаранокӣ ва устувории фаъолияти молиявиро бо истифода аз контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод менамояд. Ин мавқеъҳо нишондиҳандаи навоварӣ ва аҳамияти амалӣ ва илмии таҳқиқот мебошанд.

**Дар боби сеюм** равандҳои такмили методҳои контроллинг, таҳияи моделҳои нишондиҳандаҳои ҳолати ҷорӣ ва ташкили ҳисоботи идоракунӣ ҳамчун абзори асосии назорати хавфҳои бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Ҷорӣ намудани методҳои контроллинг ҷузъи таркибии идоракунии муосири молиявӣ буда, дар шароити рақобати бозор ва мураккабии иқтисодӣ самаранокии банақшагирӣ, назорат ва арзёбии фаъолияти молиявиро таъмин менамояд. Контроллинг ҳамчун зерсистемаи мураккаби идоракунӣ ҳадафи асосии таъмин намудани устуворӣ ва самаранокии рушди ташкилотро бо истифода аз воситаҳои иқтисодӣ ба уҳда дорад.

Таҳлили методҳои амалкунандаи контроллинг нишон медиҳад, ки ҳар як усул — аз буҷетсозӣ то таҳлили хароҷот ва назорати хавфҳо — самтҳои муайяни фаъолияти бонкро фаро гирифта, ба коҳиши хатари молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои стратегӣ равона шудааст (ҷадвали 3.1.2). Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла дашбордҳо ва моделҳои пешгӯишаванда, имкон медиҳанд, ки қарорҳои идоракунӣ дар асоси маълумоти воқеӣ ва фаврӣ қабул шаванд. Ин раванд, ҳамчунин, шаффофият ва дақиқии назоратро таъмин намуда, қабули қарорҳои босифатро дар шароити рақобатӣ фароҳам меорад.

Алгоритми фаъолияти контроллинг (расми 3.1.1) пайдарпайии омӯзиш ва таҳлили муҳити дохилию беруниро инъикос намуда, аз таҳияи нишондиҳандаҳо то қабули қарорҳои дуруст ваислоҳи камбудиҳо қадамҳои амалиро пешниҳод мекунад. Системаи нишондиҳандаҳои контроллингӣ (ҷадвали 3.2.2) таҳлили мушкилоти амалиётӣ, пастшавии даромаднокӣ, афзоиши хароҷот ва сифати хизматрасониҳоро фаро мегирад. Истифодаи васеи нишондиҳандаҳои пулӣ ва ғайрипулӣ мониторинг ва назорати мунтаззами иҷрои ҳадафҳои стратегиро таъмин менамояд.

Бенчмаркинг ҳамчун воситаи таҳлили бозори молиявӣ ва ракибон истифода шуда, имконият медиҳад, ки динамикаи рушди ширкатҳои пешсаф ва қафомондаро арзёбӣ намоянд. Ҳангоми гузаронидани бенчмаркинг, интихоби дурусти ташкилотҳои муқоисашаванда барои сифати таҳлил аҳаммияти калидӣ дорад. Равандҳои назорати хавфҳо бо ҷадвали мониторингӣ (ҷадвали 3.3.4) дараҷаи иҷрои меъёрҳои БМТ ва сатҳи хавфро равшан нишон медиҳанд. Ҳисоботи дохилии идоракунии хавф (ҷадвали 3.3.6) ҷараёни қарзӣ, бозорӣ, пардохтпазирӣ, амалиётӣ, комплаенс ва идоракуниро пайгирӣ намуда, таъсири эҳтимолии он фоида ва масъулияти воҳидҳоро муайян мекунад.

Аз таҳлил бармеояд, ки татбиқи методҳои такмилёфтаи контроллинг на танҳо шаффофият ва устувории молиявиро таъмин менамояд, балки қабули қарорҳои босифат ва назорати хавфҳоро дар шароити рақобат фароҳам меорад. Ин раванд масъулияти воҳидҳои сохториро равшан намуда, барои такмили ҷавобгарӣ ва интизоми иҷрои вазифаҳо замина мегузорад. Такмили методологияи контроллинг дар заминаи рақамигардонӣ ва автоматизатсия имкон медиҳад, ки назорати дохилӣ ва қабули қарорҳои стратегӣ ба сатҳи баландтар интиқол ёбад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳаммияти илмии таҳқиқотӣ** Барнои Файзи Тағоймуродзода дар он аст, ки методология ва усулҳои нави контроллинг дар банақшагирӣ, назорат ва арзёбии фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил ва такмил дода шудаанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки татбиқи системаи контроллинг бо нишондиҳандаҳои рақамӣ ва таҳлили пешгӯишаванда самаранокии идоракунӣ, устувории молиявӣ ва рақобатпазирии бонкҳоро баланд мебардорад.

Натиҷаҳои он дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳамчун таҷрибаи илмию методологӣ дар рушди системаи контроллинг ва идоракунии молиявӣ истифода шаванд. Ҳамчунин, таҳқиқот ба таҳияи механизмҳои мониторинг ва таҳлили хавфҳо ва беҳтарсозии қабули қарорҳои стратегӣ дар бонкҳо саҳми муҳим дорад.

**Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд барои такмили системаи контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ, беҳтарсозии идоракунии молиявӣ, таҳлили хавфҳо ва қабули қарорҳои стратегӣ ҳамчун дастури амалии муассир истифода шаванд.

**Аҳаммияти иқтисоди**и натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки татбиқи усулҳои контроллинг самаранокии молиявӣ, камшавии хароҷот ва афзоиши манфиати бонкҳои тиҷоратиро таъмин менамояд. Ин натиҷаҳо инчунин барои беҳтарсозии идоракунии сармоя, таҳлили хавфҳо ва қабули қарорҳои стратегӣ дар муассисаҳои молиявӣ роҳнамои амалӣ мебошанд.

**Аҳаммияти иҷтимоии** натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки татбиқи системаи контроллинг дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва устувории молиявӣ кумак мекунад, балки эътимод ва шаффофияти молиявиро дар ҷомеа тақвият мебахшад.

Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки равандҳои банақшагирӣ ва қабули қарорҳо дар бонкҳо бо назари иҷтимоӣ ба талаботи мизоҷон ва манфиатҳои умумӣ мутобиқ гарданд. Ин таҳқиқот инчунин барои

беҳтарсозии дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, ҳифзи манфиатҳои мизоҷон ва афзоиши масъулияти иҷтимоии муассисаҳои молиявӣ аҳаммияти махсус дорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ҳамчун дастури амалӣ ва назариявӣ дар таҳияи стратегияҳои инноватсионӣ ва самараноки иҷтимоӣ дар соҳаи бонкӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати тахассуси илмии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ.** Барнои Файзи Тағоймуродзода мутахассиси илмӣ ва дар амалия фаъолияткардаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи бонкӣ мебошад ва кори диссертатсионӣ ба тахассуси илмии диссертант мутобиқат мекунад. Мавзуи таҳқиқоти диссертасионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои шиносномаи ихтисоси 5.2.18 — Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии ба даст овардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии унвонҷӯ ва талаботи додани унвони илмӣ барои чунин корҳо мувофиқат мекунад. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси таҳқиқотчӣ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда бояд таъкид карда шавад. Автореферат ва корҳои чопшудаи муаллиф мазмуни асосии кори диссертатсиониро ба қадри кифоя инъикос мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи интихобгардидаи таҳқиқотӣ 13 мақолаи илмӣ, ки 6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд, нашр гардидааст. Аз ин маҷмуъ 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ ва амалӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд. Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилии - контроллинг дар соҳаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда шаванд. Диссертатсия бо забони возеҳ ва фаҳмо бо истифода аз истилоҳоти қабулшуда навишта шуда, шакли кор ислоҳотро талаб намекунад.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни рисола комилан мувофиқат мекунанд. Ҷанбаҳои муҳимми мундариҷаи диссертатсия дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки маводи асосии дифоъ мебошанд. Дар ин бобат талабот дар умум риоя карда шудааст.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар баробари бартариятҳо диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки ба чанде аз онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир кард:

1. Ҳарчанд методҳои контроллинг ба таври муфассал таҳлил шудаанд, муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи байналмилалӣ ва стандартҳои пешрафтаи бонкдорӣ маҳдуд буда, тавсеаи он метавонад арзиш ва амалӣ будани таҳқиқотро пурқувваттар гардонад (саҳ.137);

2. Дар зербоби 1.3 шароит ва заминаҳои объктивии ҷорӣ намудани контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқ фаро гирифта шуда, бештар ба масъалаҳои таърихӣ аҳаммият дода шудааст. Оид ба фаъолити низоми контроллинг дар давлатҳои мухталиф дар давраи муосир маълумоти бештар дода мешуд, кори таҳқиқотӣ мазмунан бой мегардид;

3. Дар зербоби 3.1 пешниҳодҳои рақамӣ ва дашбордҳо барои мониторинг ва таҳлили маълумот муассир мебошанд, вале таҳлили таъсири онҳо ба самаранокии идоракунӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ метавонад муфассалтар бошад;

4.Дар саҳифаи 114,115.116,117 формулаҳои зиёде оварда шудааст.Ин хуб аст.Лекин маълум нест,ки ин формулаҳо натиҷаи таҳқиқоти муаллиф аст, ё ин ки аз дигар олимони соҳаи иқтисодиёт.Илова бар ин, агар муаллиф дар асоси маълумотҳои ягон бонк ин формулаҳоро истифода мекард ва натиҷаи онро нишон медод,он гоҳ сифати кори дисертатсионӣ боз ҳам беҳтар мегардид;

5. Бо вуҷуди мантиқӣ будани фасл, тавсия медиҳам, ки равандҳои татбиқи контроллинг бо мисолҳои амалии бештар ва муқоисавӣ бо таҷрибаи дигар бонкҳо тавсеа дода шаванд, то таҳлили назария ва амал боз ҳам равшантар ва пурмазмун гардад.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаршуда ба мазмуну мухтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявию амалии онро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса.** Дар умум кори диссертатсионй дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ иҷро карда шуда, кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Барнои файзи Тағоймуродзода дар мавзуи "Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ", аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Муқаррizи расмӣ:
Д.и.и., профессор, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Шарифов З.Р.

Имзои Шарифов З.Р.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори таъминоти ҳуқуқӣ ва корҳои махсуси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур:734003, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 146. Тел. : (+99237) 2. 247207,
web. www Fajadroun. Tj. E-mail: Restorat 31 @mail Ru